**Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12 апрели соли 2024, №25 барои сазовор донистани Табарзода Далер Раҳматуло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 02 феврали соли 2024, суратмаҷлиси №21 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Табарзода Далер Раҳматуло, 15 апрели соли 1990 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1996 ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Қумсангир (ҳозира ноҳияи Ҷайҳун) – и вилояти Хатлон ба синфи якум рафта, соли 2007 литсейи тоҷикӣ-туркии иқтисодии шаҳри Душанберо хатм намудааст. Баъди итмоми мактаби миёна худи ҳамон сол ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, соли 2012 факултети мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2012 ба ҳайси коромӯз ба вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд ба кор қабул карда шуда, минбаъд дар вазифаҳои гуногуни мақомот фаъолият намуда, айни замон сардори бахши назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони прокуратураи шаҳри Душанбе мебошад. Ҳамзамон, ӯ ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии

факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз 28 декабри соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректор аз 28 декабри соли 2019, №185-1).

**Мавзуи диссертатсия** – "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020, №9/60 тасдиқ гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои он борҳо муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. (аз 02 декабри соли 2023, суратмаҷлиси кафедра №04)

**Роҳбари илмӣ:**

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Лагутин Игор Борисович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори шуъбаи ҳуқуқи Институти иқтисодиёт, идоракунӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи педагогии шаҳри Москва;

**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда:**

Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии "Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон" (шаҳри Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби муқарриз Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон имзо гардидааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар нашриҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**
**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Табарзода, Д.Р. Назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №3 (52). – С. 249-258.

**[2-М]** Табарзода, Д.Р. Доир ба масъалаҳои принсипҳои назорати андоз [Матн] / Д.Р. Табарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – № 3 (31). – С. 183 -193.

**[3-М]** Табарзода, Д.Р. Доир ба баъзе масъалаҳои шакл ва усулҳои назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4 (51). – С. 249-257.

**[4-М]** Табарзода, Д.Р. Назорати андоз ҳамчун қисми ҷудонашавандаи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – № 3 (31). – С. 194 -201.

**[5-М]** Табарзода, Д.Р. Мониторинги андоз ҳамчун шакли нави назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (51). – С. 249-257.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ- амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Табарзода, Д.Р. Рушди ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 133-146.

**[7–М].** Табарзода, Д.Р. Правовые основы осуществления налогового контроля в Республике Таджикистан [Текст] / Д.Р. Табарзода // «Актуальные вопросы развития государственности и публичного права: материалы IX международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, 29 сент. 2023 г. – С. 20-26.).

**[8–М].** Табарзода, Д.Р. Ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии молиявӣ, андозӣ ва буҷетӣ [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвоёни сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм». – Душанбе, 2023. – С. 288-292.

**[9–М].** Табарзода, Д.Р. Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия. – Душанбе, 2023. – С. 425-436.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Меликов У.А. – и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Трофимов А.А. – ходими калони илмӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Саъдизода Ҷ. – мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

Макарчук З.В. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

А. Ли – профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Миронова С.М. – профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фанҳои ҳуқуқи-давлатии Институти идоракунии Волгоград – филиали “Академияи хоҷагии халқ ва идоракунии давлатии назди Президенти Федератсияи Россия”, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок дошта, манзур гардидаанд. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андоз, шакл, усул ва таснифбандии принсипҳои назорати андоз, хусусиятҳои фарққунандаи назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ аз дигар шаклҳои назорати андоз, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз ва ҷавобгариҳоро дар ин самт фаро мегиранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– мавқеи назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ муайян карда шудааст;

– ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мафҳумҳои «назорати андоз», «шакли назорати андоз» ва «усули назорати андоз» таҳлил гардида, таклифҳои асосноки илмӣ пешниҳод гардидаанд;

– принсипҳои назорати андоз муқаррар ва таснифбандӣ карда шудаанд;

– хусусиятҳои фарққунандаи назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шакли назорати андоз муайян карда шудааст;

– ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз муайян карда шудааст;

– дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи назорати андоз камбудиҳо ва холигиҳо ошкор гардида, барои такмили минбаъдаи онҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд.

Як қатор мафҳумҳо дар рисола коркард гардида, таклифҳои алоҳида бобати тағйири моддаҳои дахлдори қонунгузории танзимкунандаи назорати андоз манзур гардидаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

– маводи рисолаи диссертатсионӣ донишҳои илмиро дар самти омӯзиш ва таҳлили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун сарчашма бaромад менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта дар сатҳи қонунгузорӣ бартараф карда шаванд;

– хулоса ва тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии бадастомада метавонанд, минбаъд дар таҳия намудани консепсияи рушди илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузоранд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлилӣ, систематикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, хулосабарорӣ, синтез, индуксия ва дедуксия истифода гардидаанд.

Истифодаи усулҳои номбурда ба муаллиф имкон доданд, ки назорати андоз на танҳо ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ таҳлил карда шавад, балки ҷанбаъҳои асосии он, аз қабили принсипҳои ягонагии ҳуқуқии назорати андоз, хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андоз баррасӣ карда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба мисли А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш. Сангинов, Ш.М. Исмоилов, С.И. Иброҳимов, Ҷ.Ю. Рустамзода, Ф.М. Расулов, Ҷ.С. Муртазозода, С.П. Ҳаитов, Е.Ю. Грачёва, О.Н. Горбунова, И.Б. Лагутин, Н.И. Химичева, Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова, Т.В. Конюхова, А.А. Ялбулганов, А.С. Селиванов, О.В. Болтинова, Ю.А. Крохина, А.Н. Козирин, Е.Д. Соколова, А.В. Бризгалин, А.Ю. Илин, М.В. Карасева, Д.Е. Нелюбин, О.А Ногина, Т.Ю. Курбатов, Л.Л. Арзуманова, М.Н. Садчиков, Т.Д. Садовская ва дигарон ташкил доданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории андози кишвар дар самти такмили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд;

– натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар (ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ) дар раванди таълим аз фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ истифода карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи андоз, махсусан танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳои асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии давлатҳои хориҷӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳона ва мусбии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои илмӣ, тавсия ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи андоз пазируфташуда мазмун ва моҳияти махсуси худро дошта, навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд;

– навгонӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, инчунин такмили минбаъдаи қонунгузории танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра метавонанд мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо** сатҳи навгониҳои диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 12 апрели соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Табарзода Далер Раҳматуло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ, аз 11 нафар аъзо, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст, 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, блютенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**12 апрели соли 2024**